

**Рӯзи 14 феврал бо иштироки ичрокунандаи вазифаи Раиси вилоят Рачаббой Ахмадзода дар мачлисгохи макомоти ичроияи хокимияти давлатии нохияи Мастчох мачлиси фаъолон баргузор шуд.**

Дар рафти мачлис рохбари вилоят вазъи сохахои иктисодиву ичтимоии нохияро тахлил намуда, барои бартарафсозии камбудихои мавчуда супориш дод. Иттилоъ дода шуд, ки накшаи даромади бучети давлатӣ дар нохия дар соли сипаришуда ба андозаи 102,3 дарсад ва бучети махаллӣ 109,4 дарсад ичро гардидааст. Хачми истехсоли махсулоти саноатӣ ба 196 миллион сомонӣ баробар гардида, аз 30 корхонаи фаъолиятдошта як адади он фаъолият набурд ва 7 корхона нисбат ба соли 2016 камтар махсулот истехсол кардааст.

Зимни тахлили вазъи сохаи кишоварзӣ аз кафомонии шудгори заминхо изхори нигаронӣ карда шуда, ба рохбарияти нохия супориш дода шуд, ки барои пурра омода намудани пойгоххои обкашӣ тадбирхои заруриро амалӣ намояд. Бояд гуфт, ки бо дастгирии рохбарияти вилоят чихати халли мушкили хочагидорони нохия ва таъмини мунтазами онхо бо оби полезӣ 200 метр кубурхои кутрашон 800 миллиметра дастрас карда мешавад.

Рохбари вилоят масъулинро хамзамон чихати ташкили корхонахои нави саноатӣ, бо чойи корӣ таъмини намудани сокинон, таъмири муассиахои таълимиву фархангӣ, китобхонахо, пешгирии чудошавии оилахои чавон, баррасии саривактии мурочиатхои шахрвандон, рушди хунархои мардумӣ, бо мутахассисон таъмин намудани муассисахои тиббӣ, зиёд намудани саршумори чорво, коркарди гӯшту шир, захираи тухмии картошка ва пахта, таъмири пойгоххои обкашӣ, шудгори заминхо вазифадор намуд.

Дар идомаи мачлис чанде аз сокинони нохияи Мастчохба сухан баромада, таъкид карданд, ки дар атрофи Пешвои миллат мухтарам ЭмомалӣРахмон  муттахид гашта, бахри пешрафти нохия, вилоят ва чумхурии сохибистиклол сахми худро хоханд гузошт. Масалан сохибкор Бунёд Исмоилов ваъда дод, ки 2 варзишгох бунёд намуда, барои машку тамрини чавонону наврасон шароити заруриро фарохам меоварад.

Пас аз баргузории мачлиси фаъолон Рачаббой Ахмадзода бо рафти сохтмони толори варзишӣ  дар мактаби раками 38-и нохия шинос гардид. Толори варзишии мазкур аз чониби сохибкори махаллӣ Фаррух Шарифов бунёд гардида, тибки лоиха он дорои 400 чойи нишаст мебошад.  Тавре иттилоъ дода шуд, сохтмони толори варзишӣ рӯзхои наздик ба анчом расида, дар арафаи чашни Наврӯзи оламафрӯз мавриди бахрабардорӣ карор дода мешавад.

Рачаббой Ахмадзода дар идомаи сафар ба хонаи механизатори номӣ, дорандаи ордени Ленин Исмат Шарифов ташриф оварда, бо ӯ сухбати самимӣ орост. Бояд гуфт, ки Исмат Шарифов яке аз кишоварзони номӣ буда, барои пешрафти сохаи кишоварзӣ ва ободии диёр сахми назаррас гузоштааст. Имрӯз фарзандони номбурда пешаи падарро интихоб намуда, барои бунёди иншооти гуногуни ичтимоӣ ва таъмини сокинон бо оби нӯшокӣ хиссагузорӣ менамоянд.

**Хадамоти матбуоти**
**Раиси вилояти Сугд**